**ПРОТОКОЛИ № 9–и**

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).**

7 феврали соли 2026 н. Данғара

**Иштирок доштанд:**
11нафар аъзои шурои диссертатсионӣ,
аз рӯйи ихтисос 3 нафар доктори илм

7-уми феврали соли 2026, соати 11:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи Донишгоҳи давлатии Данғара (734320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ 25) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 баргузор гардид.
Вақти анҷоми ҷаласа:13:30.

**Раис:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, Шаробова М.Қ.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати Шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, № 34/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои Шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктoрони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, Шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташудаpo баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори Шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори Шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Тарафдор – 11 нафар. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Лайламои Худойназар** дар мавзуи “Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Аҳмадов Сафармад Гадомадович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Солеҳов Шамсиддин** – доктор, профессор мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;

**Маликова Анзурат Садуллоевна** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

**БАРОМАД КАРДАНД:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич шунида шуд.

Котиби илмии Шуро, номзади илмҳои филологӣ Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Диссертант Лайламои Худойназар оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод.

Ба саволҳои аьзои Шурои диссертатсионӣ, номзадони илм, дотсентон Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич, Раҳмоналиев Ҷовидон, докторони илм, профессорон Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло, Кабиров Шаҳбозбек, Асозода ҳотам Раҷаб ҷавоб дод. Баромади роҳбари илмӣ номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Аҳмадов Сафармад Гадомадович шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Асозода Ҳотам Раҷаб – доктори илмҳои филологӣ, профессор.
2. Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло – доктори илмҳои филологӣ, профессор.
3. Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич – номзади илмҳои филологӣ, профессор.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод. Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Бо тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович ва номзади илмҳои филологӣ Усмониён Нозила Усмон интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар

доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои Шуро бо тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб бо тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Лайламои Худойназар** додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) қабул гардид.

## ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди

Донишгоҳи давлатии Данғара

аз 10.01. 2026 н. Данғара

Баромади **Лайламои Худойназар** дар мавзуи "Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик), тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,** баромади муқарризони расмӣ – **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктор, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; **Маликова Анзурат Садуллоевна** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, ҳамчунин, суханронии муқарризони ғайрирасмӣ докторони илм, профессорон Асозода Ҳотам Раҷаб, Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло ва н.и.ф. Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевичро шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ роҷеъ ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Лайламои Худойназар,**

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Лайламои Худойназар** дар мавзуи "Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик), ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводди илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба **Лайламои Худойназар** додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ба **Лайламои Худойназар** аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 11 нафар. Муқобил нест, Бетараф нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О. Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М. Қ.

«7» феврали соли 2026